# Ҳар кӣ ба манзиле ояд ва сипас бигӯяд: "Аъӯзу бикалимотиллоҳит-томот мин шарри мо халақ" (Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз шарри он чи офаридааст), то замоне, ки онҷо аст ба ӯ зиёне нахоҳад расид

Аз Хавла бинти Ҳакими Суламӣ ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегӯяд: "Ҳар кӣ ба манзиле ояд ва сипас бигӯяд: "Аъӯзу бикалимотиллоҳит-томот мин шарри мо халақ" (Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз шарри он чи офаридааст), то замоне, ки онҷо аст ба ӯ зиёне нахоҳад расид".
[صحيح] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) уммати худро ба парҳезгорӣ ва паноҳгоҳи судманд ҳидоят мекунад, ҳар кас бояд ба он аз хатаре, ки ҳангоми истиқрор дар ҳар ҷое аз рӯйи замин битарсад, хоҳ дар мусофират бошад ё дар саёҳат ва ё дар ғайра, ба калимаҳои комили Аллоҳ, ки дар фазлу баракат ва судмандӣ комил ва аз ҳар айбу нуқсон солим аст, аз шарри ҳар махлуқот, ки дар он шарр аст паноҳ бибарад, дар натиҷа то замоне дар он манзилгоҳ аст, аз ҳар озоре дар амон бимонад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee